**Технологияи педагогии рушди салоҳиятҳои ба шахсияти хонандагон нигаронидашуда дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус**

Ҳафтаи сипаришуда таҳти ин унвон дар ҳошияи татбиқи Стратегияи милии рушди маориф барои давраи то соли 2030 конференсияи илмӣ-назариявӣ аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо раёсати маорифи вилояти Хатлон ташкил ва баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо иштироки фаъолонаи омӯзгорон ва ҳайати роҳбарияти мактаб (синф)-ҳои камнуфуси минтақаи Бохтар ҷараён гирифта, ба яке аз масъалаҳои муҳими болозикр бахшида шуд. Дар рафти конференсия, мудири шуъбаи мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигарии стандарт, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳ н.и.п., дотсент Котибова Ш.П. дар мавзуи «Технологияи инноватсионии рушди салоҳиятҳои ба шахсияти хонандагон нигаронидашуда дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус» баромад намуда, роҳҳои нав ва самаранок, восита ва шаклҳои таълим ва тарбияи хонандагон манзур намуд. Дар идомаи конференсия Ҷонмаҳмадова Гулрафтор Шералиевна - н.и.п., ходими пешбари илмии шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Применение инновационных технологий на уроках русского языка в малокомплектном школе» баромад намуда, роҳҳои фаъолгардонии раванди таълими забони русиро тавассути технологияи инноватсионӣ дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус пешкаш намуд. Сипас, Алимардонов Сафар - сармутахассиси кабинети методии Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар мавзуи «Рушди салоҳиятҳои хонандагон дар мактаб (синф)-ҳои камнуфус» суханронӣ намуда, ҷанбаҳои назариявию амалии рушди салоҳиятҳои хонандагонро мушаххас бо мисолҳо шарҳ дод. Дар қисмати хотимавии чорабинӣ миёни иштирокчиён вобаста ба масъала мубодилаи афкор сурат гирифт.






Сарчашмаи илму
ПРИМЕНЕНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ОБУЧЕНИЯ РУССКОМУ ЯЗЫКУ В МАЛОКОМПЛЕКТНОЙ ШКОЛЕ
2 класс
4 класс
русский язык
русский язык
1) проверка домашнего задания и подготовка учащихся к самостоятельной работе по теме, (учителем)
1) самостоятельное чтение текста, выполнение задания.







